Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2026)**

Дар шароити кунунӣ масъалаи танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ бо дарназардошти раванди ҷаҳонишавӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ табдил ёфтааст. Бо назардошти афзоиши гардиши молу хизматрасонӣ, муҳоҷирати аҳолӣ, бастани шартномаҳои байналмилалии хусусӣ ва густариши сармоягузории хориҷӣ, зарурати танзими самараноки чунин муносибатҳо ба миён омадааст. Дар ин раванд масъалаҳои марбут ба татбиқи меъёрҳои коллизионӣ, ки муайян мекунанд то кадом соҳаи ҳуқуқи миллӣ нисбат ба муносибати мушаххас татбиқ мегардад, аҳамияти хоса касб менамоянд.

Дар шароити муосир, яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии дорои унсури хориҷӣ ба шумор меравад. Ин раванд давлатҳоро водор месозад, ки механизмҳои самараноки танзими чунин муносибатҳоро таҳия ва такмил диҳанд. Дар ин замина, меъёрҳои коллизионӣ ҳамчун воситаи муҳими ҳалли ихтилофоти ҳуқуқӣ байни санадҳои қонунгузории давлатҳои гуногун баромад намуда, барои таъмини адолати ҳуқуқӣ ва суботи муносибатҳои байналмилалии хусусӣ замина фароҳам меоранд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои низоми ҳуқуқии миллӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ ва иштирок дар муносибатҳои байналмилалӣ, давлатҳо таҷрибаҳои

гуногуни татбиқи меъёрҳои коллизиониро ташаккул додаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт марҳилаҳои муайяни рушдро паси сар намуда, дар қонунгузории кишвар меъёрҳои дахлдор муқаррар карда шудааст. Аммо, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳанӯз ҳам як қатор мушкилот, аз ҷумла муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда, мушкилоти ихтилофи қонунҳо, татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ ва эътирофи санадҳои судии хориҷӣ ба назар мерасанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи паҳлуҳои назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои коллизионӣ, таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва муайян намудани камбудиҳои мавҷуда дар қонунгузории миллӣ аҳамияти махсус дорад. Бидуни чунин таҳқиқот, такмил додани низоми танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи муосир ғайриимкон мебошад. Маҳз ҳамин омилҳо мавзуи мазкурро ба сифати яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ, махсусан ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муаррифӣ намуда, барои таҳияи пешниҳодҳои илмӣ ва амалии такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи воқеӣ фароҳам меоранд, ки дар ин робита мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Исматзода И.Б.-ро муҳим, мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ намудан комилан дуруст мебошад.

Бо назардошти ин, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исматзода Исматулло Бобохуҷа зери унвони «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ мубрам маҳсуб мегардад. Аз муҳтавои автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки диссертант моҳияти мавзуро амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои муҳимми онро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида омода карда шуда, мазмуни мухтасар ва дақиқи мавзуи таҳқиқот дар он нишон дода шудааст. Аз масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидаст.

Дар афтореферат диссертант навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва асоснок манзур намудааст. Бо натиҷагирӣ аз нуктаҳои назариявии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳумҳо ва нуктаҳои дигари пешниҳодгардида аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф гардида, қобили дастгирӣ мебошанд ва дар илми ҳуқушиносӣ зарурӣ ва саривақтӣ маҳсуб меёбанд. Дар баробари нуктаҳои назариявӣ, нуктаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда низ аз аҳаммият холӣ нестанд, зеро таклифҳои амалии пешниҳоднамудаи диссертант воқеан

шоистаи дастгирӣ буда, барои такмили қонунгузорӣ ва мутобиқ гардонидани онҳо ба амалия мусоидат менамоянд.

Дар баробари он ки диссертант бо омода намудани таҳқиқоти худ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст, баъзе масъалаҳои дигарро низ қайд намудан зарур аст. Аз ҷумла:

Диссертант дар пешниҳоди дуюми худ барои такмили қонунгузорӣ ҳамоҳанг гардонидани фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда – Суд, Мақомоти нотариалӣ, САҲШ, Арбитражи байналмилалии тиҷоратии назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистнро барои таъмини самараноки амали меъёрҳои коллизионӣ зарур шуморидааст. Вобаста ба таклифи мазкур хуб мебуд, ки мазмуни пешниҳоднамудаи худи муаллиф ва зарурати муқаррар намудани чунин ҳамоҳангии сохторҳои болозикр аз ҷониби диссертант шарҳ дода мешуд.

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, метавонад ба такмил ва пурра гардидани таҳқиқот мусоидат намояд.

Маврид ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ инъикос гардидааст ва аз он 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Зикр намудан зарур аст, ки диссертатсияи Исматзода И.Б. дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аввалин таҳқиқоти илмии комил ва алоҳида вобаста ба масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин, натиҷаҳои аз он ба даст омадаро мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, маводҳои илмӣ пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст, ки шоистаи дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқшуда дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси .3.

Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии
муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Аминова Ф.М.**

**Суроғаи тақриздиҳанда:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Н. Махсум, 85/1
Тел. 227-39-86; E-mail: farida.aminova.2016@mail.ru

**Имзои Ф.М. Аминоваро тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳои муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Исмоилова М.Н.**

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50; Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru

«12» 04 соли 2026